آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

30 августи соли 2023
Чоршанбе
№ 69 (14976)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ДАР АРАФАИ ҶАШНИ БУЗУРГ ДАР ТАМОМИ СОҲАҲО НАТИҶАҲОИ БАЛАНД БА ДАСТ МЕОЯНД

**Президент Шавкат Мирзиёев 29 август бо корҳои ҷории созандагӣ дар Тошканд шинос гардида, аз объектҳои наве, ки дар соҳаҳои гуногун ба кор медароянд, боздид намуд.**



Дар арафаи ҷашни асосии мамлакат – Рӯзи истиқлол ба истифода супурдани иншооти нав ба ҳукми анъанаи хуб даромадааст. Соли равон низ дар тамоми минтақаҳои мамлакат иншооти иҷтимоиву иқтисодӣ ба истифода супурда мешаванд.

Роҳбари давлат бо натиҷаҳои чунин корҳои созандагӣ, ки дар пойтахти мамлакатамон амалӣ мешаванд, шинос шуд.

Бо Фармони Президент аз 27 апрели соли 2022 бобати минбаъд такмил додани маъмурияти гумрук бинобар амалиёти рақамии соҳа, баланд бардоштани сифат ва суръати хидматрасонӣ чораҳо муайян карда шуда буданд. Аз ҷумла, бо ин мақсад дар назди Кумитаи гумрук Маркази қайди гумрукӣ созмон ёфт.

Президент аз ин маҷмӯъ боздид ба амал овард.

Дар ин ҷо маркази коркарди маълумот, ситоди эълони дурдасти электронӣ, колл-марказ, шуъбаҳои таргетирӣ ва идоракунии хатарҳо созмон дода шуданд. Низоми иттилоот ба пойгоҳи маълумоти идораҳои хориҷӣ, вазоратҳо ва идораҳои кишвари мо, субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ширкатҳои авиатсионӣ қаробат дорад. Ҳангоми ба роҳ мондани кори марказ хоҳиши соҳибкорон низ ба назар гирифта шудааст.

Маркази коркарди маълумот бо серверҳои замонавии гунҷоишашон нисбати пештара даҳ баробар зиёд муҷаҳҳаз карда шудааст. Ин афзоиши суръати шабакаҳои алоқаро 5 баробар, муҳлати коҳиш додани вақти қайдро 2 баробар зиёд кард. Низом аз хуруҷҳои кибернетикӣ ҳифз карда шудааст.

Дар давраи аввали ситоди эълони дурдасти электронӣ баённомаи бори гумрукӣ, ба таври масофавӣ ба соҳибкорони шаҳри Тошканд фиристодани он ба тарзи оҷил коркард мешаванд. Минбаъд ба нақша гирифта шудааст, ки дар ин ҷо тамоми ҷараёнҳои қайди гумрукие, ки дар ҷумҳурӣ татбиқ мешаванд, фаро гирифта шаванд.

Дар ҳамин ҷо муроҷиате, ки ба колл-маркази кумитаи гумрук бинобар хати зудамали «11-08» ва аз тариқи веб-сайти идора мерасанд, коркард карда мешаванд. Шуъбаи таргетирӣ ва идораи хатарҳо дар ҳамкорӣ бо Созмони умумиҷаҳонии гумрук дар пояи таҷрибаи кишварҳои пешқадам кушода шуд. Дар ин ҷо сохторҳои зудамал маълумоти 50 низоми иттилоотии гумрук ва 3 низоми иттилоотии Созмони умумиҷаҳонии гумрук, ҳамчунин маълумоти зиёда аз 30 идора ва гумруки давлатҳои хориҷиро таҳлил мекунанд, хатарҳоро пешгӯӣ менамоянд, аз болои фаъолияти тамоми ситодҳои гумрукӣ назорати масофавӣ мебаранд.

Лабораторияи гумруки марказӣ низ бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардида, фаъолияти вай ба коҳиш додани тӯлу баланд бардоштани дақиқии экспертиза нигаронида шудааст.

Умуман дар натиҷаи мувофиқи фармони Президент рақамикунонии соҳа муҳлати қайди гумрукӣ ба ҳисоби миёна 2 баробар коҳиш ёфт. Чунончи, агар соли 2017-ум барои қайди борҳои содиротӣ 5 соату 42 дақиқа сарф шуда бошад, соли 2023-юм ин муддат 30 дақиқаро ташкил дод.

Қайди 80 фоизи воридот ва 89 фоизи содирот дар тартиби ихчам амалӣ мегардад. Ҳамчунин нишондиҳандаҳои коркарди автоматикии баённомаҳои бори гумрук бо кумаки интеллекти сунъӣ меафзоянд.

– Шароите, ки дар ин ҷо фароҳам оварда шудааст, касро хурсанд мекунад. Вале рақамикунонӣ ин ҷараёнест, ки бояд мунтазам давом кунад. Дар соҳа ҳанӯз бисёр вазифаҳое мавҷуданд, ки бояд ҳаллу фасл шаванд. Бинобар ин баҳри беҳсозии хидматҳо мунтазам кор кардан зарур аст. Ба фаъолияти низом бояд соҳибкорон баҳо диҳанд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Бобати ба соҳибкорони ватанӣ пешниҳод кардани таклифҳо дар пояи таҳлили сохтори воридот, вусъат додани коркард дар ҳудуди гумрук супоришҳо дода шуданд.

Барои ба соҳати бидуни тамаъгарӣ табдил додани соҳа, беҳтар кардани таъминоти моддиву иҷтимоии кормандон вазифаҳо гузошта шуданд.

Дар ноҳияи Яшнободи пойтахт ду маркази бузурги тиббӣ – Маркази миллии тиббӣ ва Маркази махсуси илмию амалии тиббии оториноларингологӣ ва касалиҳои сару гардан сохта шуданд.

Роҳбари давлати мо моҳи ноябри соли 2020-ум бо сохтмони онҳо шинос шуда, баъди тамошои ин марказҳо бобати вусъат додани имкониятҳои онҳо супоришҳо дода буд. Фароҳам омадани шароитҳои замонавӣ ва ҷорӣ гардидани усулҳои пешқадами кор таҷассуми ба амал татбиқ гардидани ин супоришҳо аст.

Ҳудуди маҷмӯи тиббӣ беш аз чаҳор гектарро ташкил медиҳад. Ҳафт бинои майдони умумиашон ним ҳазор метри мураббаъ сохта шуданд. Ҳангоми сохтмон ва муҷаҳҳаз сохтани онҳо таҷрибаи пешқадами хориҷӣ истифода гардид.

Аз ин лиҳоз меъмории он нодир аст. Ёрии таъҷилии тиббӣ, реаниматсия, блоки инфексионӣ пешбинӣ гаштааст.

Маркази миллии тиббӣ бо фарогирии худ тафриқа дорад. Дар ин ҷо шуъбаҳои ҷарроҳӣ, урологӣ, транспантологӣ, шикасту банд, гинекологӣ, ҷарроҳии дил, нефрологӣ, дилшиносӣ, эндокренологӣ, кардиоревматологӣ, дандонпизишкӣ ва ғайра амал мекунанд. Ҷамъан зиёда аз ҳазор адад 169 навъи таҷҳизоти замонавии тиббӣ устувор карда шудаанд.

Марказ барои 500 бемор пешбинӣ гардидааст. Зиёда аз 200 навъи ёрии тиббӣ дар шароити амбулаторӣ ва статсионарӣ расонида мешавад. Марказ соле барои гузаронидани беш аз се ҳазор амалиёти баландтехнологии ҷарроҳӣ, аз ҷумла аортокоронарӣ, ҷарроҳии эстетикиву пластикӣ, артропластикӣ, кӯчондани узвҳо ва бофтаҳо имконият дорад. Аз ҳама муҳимаш марказ қодир аст ташхиси масофавӣ ва табобати миҷозонро дар ноҳияҳои дурдаст татбиқ намояд.

Муассиса бо беморхонаҳои машҳури як қатор кишварҳо, аз ҷумла Олмон, Туркия, Куриёи Ҷанубӣ ҳамкорӣ мекунад. Дар ин ҷо 250 духтур ва 500 нафар ходимони тиббӣ, ки аз табибони хориҷӣ ва мутахассисони ватанӣ иборатанду ихтисоси худро дар хориҷа такмил додаанд, кор мекунанд.

Ин дар кишвари мо аввалин маркази дорои чунин имкониятҳо мебошад. Вай ба беморхонаҳои бисёрсоҳае, ки дар Қароқалпоқистон ва вилоятҳо амал мекунанд, вобаста карда хоҳад шуд.

Президент ҳамчунин аз Маркази махсуси илмию амалии тиббии оториноларингологӣ ва касалиҳои сару гардан, ки дар таркиби маҷмӯъ кушода шудааст, боздид ба амал овард. Маркази нав баробари корҳои табобат хидматҳои оториноларингологиро дар мамлакат ҳамоҳанг месозад. Дар ин ҷо лабораторияҳои илмии «Физиология ва патологияи узвҳои болоии роҳи нафас», «Физиология ва паталогияи узвҳои шунавоӣ ва баробарвазнӣ», «Фониатрия ва ронхопатия» ташкил гардиданд. Лабораторияи симулятсиониву таҷрибавӣ, 5 шуъбаи ҷарроҳӣ ва 60 ҷойи беморӣ бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Роҳбари давлат бо шароите, ки дар марказҳо фароҳам оварда шудаанд, шинос гардид, бо духтурон ҳамсуҳбат шуд. Дар суҳбат бо шахсони масъули соҳа бобати дар шафати марказ ба роҳ мондани донишкадаи тиббии хориҷӣ, мактаби такмили ихтисоси кадрҳо, вусъат додани ташхиси беморихо маслиҳатҳо дод.

Президент Шавкат Мирзиёев Китобхонаи бозсозишудаи ҷумҳуриявии бачагонаро зиёрат намуд.

Президенти кишвар ҳамчун роҳбари давлат аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба масъалаи таълим ва тарбияи насли наврас эътибори махсус медиҳад. Соли 2017 фармоишоти Президент бобати рушди соҳаи нашри китоб, тарғибу ташвиқи китобхонӣ ва пешбурди маданияти мутолиа имзо гардид. Рағбатнoксозии васеи китобхонон ба роҳ монда шуд.

Ба охир расидани бозсозии Китобхонаи ҷумҳуриявии бачагона таҷассуми навбатии ин сиёсат аст.

Бинои таърихие, ки соли 1907 бунёд шудааст, мувофиқи меъёрҳои замонавӣ таъмир ва муҷаҳҳаз карда шуд. Муҳити мусоид ва хуби китобхонӣ фароҳам омад. Кохи китоб нафақат барои бачагон, балки барои калонсолон низ ҷойи писанддида мегардад.

Дар ин ҷо хазинаи ғании адабиёти бачагонаи ӯзбек ва ҷаҳон ҷамъоварӣ шудааст, ки 180 ҳазор адад китобро ташкил медиҳад. Технологияи замонавии иттилоотӣ гузошта шудаанд, ки кори ходимонро сабук ва ба китобхонҳои ҷавон қулаиҳои иловагӣ фароҳам меоваранд. Аз ҷумла, ба китобхонҳо картаи махсуси ID пешниҳод мегардад. Қайди китобхонҳо, ҷараёни супурдан ва баргардондани китоб дар шакли электронӣ ташкил гардидааст.

Алҳол ба рушди китобхонаи электронӣ, сарпур сохтани хазинаи захираҳои видеоӣ ва аудиоӣ, созмон додани веб-контенти муфид эътибори махсус дода мешавад. Барои шунидани матни аудиоии китоб хонаи махсус ҷудо шудааст.

Президент бо ин шароитҳо шинос шуд ва бо дӯстдорони ҷавони китоб ва забонҳои хориҷӣ суҳбат кард.

Роҳбари давлат таъкид сохт, ки бояд кори китобхона бо мактабҳо самарабахш ба роҳ монда шавад, то ки хонандагони онҳо аз хазинаи 180 ҳазор ададии китоб истифода бурда тавонанд, ба ин ҷо ҳарчи бештар ҷавонон ҷалб карда шаванд.

Дар китобхона барои баргузор намудани конфронсҳои байналхалқӣ, машварат ва чорабиниҳои дигар, аз ҷумла дар режими онлайн имкониятҳо мавҷуданд. Ҳудуди он обод гардида, симои тоза пайдо кардааст. Амфитеатри хурд амал мекунад.

Супориш дода шуд, ки барои китобхона автомобил дода, хазинаи он бо китобҳои нав пурратар карда шавад.

Аҳамияти метро дар нақлиёти ҷамъиятии пойтахт хеле бузург аст. Ба мақсади фарогирии бештари мусофирон бо ин навъи нақлиёт бинобар ташаббуси роҳбари давлат метрои рӯизаминӣ сохта шуд.

Солҳои охир давраи аввали ин лоиҳаи бузург татбиқ гардид ва хатти Сергелӣ кушода шуд. Соли равон давраи дуюм – сохтмони хатти рӯизаминии аз мавзеи Қуйлуқ то ноҳияи Сергелӣ анҷом ёфт.

Президент аз хатти нав боздид ба амал оварда ва бо намояндагони ҷомеа дар метро сайр кард.

– Соли 2017-ум, ҳангоме ки мо ин лоиҳаро оғоз намудем, касоне буданд, ки ба муваффақияти он бовар надоштанд. Инак, шукри Худо, ки хатҳои зеризаминиву рӯизаминии метро муттаҳид шуда, халқаро ба вуҷуд оварданд. Бале, осон набуд. Вале ин роҳ, ки ба халқи мо хидмат хоҳад кард, дар таърих мемонад. Агар халқи мо, фарзандони мо аз ин қулайӣ истифода бурда, аз давлат розӣ шаванд, пас мо ба мақсади худ расидаем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар давраи дуюм роҳи 12 километра гузошта, 7 истгоҳ бунёд гардид. Фурсати роҳ аз аввал то охири хат 15 дақиқаро ташкил медиҳад. Ҳар рӯз ба зиёда аз 40 ҳазор мусофир хидмат расонида хоҳад шуд.

Умуман, тӯли метрополитени Тошканд аз 70 километр гузашт. 38 километри он пас аз соли 1977, 7 соли охир бошад, 32 километр роҳ боз гардид. Миқдори истгоҳ ба 50 адад расид. Пешбинӣ мешавад, ки шумораи ҳаррӯзаи мусофирони метро то ба 750 ҳазор нафар зиёд мегардад.

Ғайр аз ин соли равон пойтахт ҳазор адад автобусҳои нав гирифт. Дар натиҷа рӯзе то 1,4 миллион мусофир аз нақлиёти ҷамъиятӣ истифода мебаранд. Ҳамаи ин омили муҳими коҳиш ёфтани зарурияти истифода аз нақлиёти шахсӣ ва кам шудани тирбанд дар роҳҳо мегардад.

Роҳбари давлат ба маҳаллаи Янги Бунёдободи ноҳияи Сергелӣ рафт.

Дар ин ҷо беш аз 6 ҳазор нафар зисту зиндагӣ доранд. Дар 13 хонаи бисёрҳуҷра, мактабҳои таълими умумӣ ва варзишии бачагону наврасон тамоми шароит фароҳам оварда шудаанд. Соҳаи хидматрасонӣ муҳаррики маҳалла ба шумор меравад. Ба қарибӣ дар ин ҷо маркази дорои нуқтаҳои хидматрасонии маишӣ ва корхонаи дӯзандагӣ сохта шуд, ки дар он ҷавонони маҳаллӣ кор мекунанд.

Президент бо коргарзанони корхонаи дӯзандагӣ суҳбат кард. Роҳбари корхона ба шарофати имкониятҳое, ки барои бонувони соҳибкор фароҳам оварда шудаанд, таҷҳизоти нав харида, фаъолияти онро вусъат дод.

– Мо барои чӣ ба фаровонҳолии занон эътибори махсус медиҳем? Барои он ки ин ғамхорӣ нисбати оила, нисбати фарзандон, нисбати насли оянда мебошад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Бинои ҷамоати шаҳрвандон низ симои замонавӣ дорад. Дар он китобхона, курсҳои омӯзиши забон кушода шудаанд. Ҳудуди маҳалла обод буда, майдончаҳои бозӣ ва варзишӣ таъмир гардидаанд. Тӯли ду соли охир дар маҳалла ягон ҷиноят ба қайд гирифта нашудааст.

Дар суҳбат бо раис ва фаъолони маҳалла аз хусуси таъминоти ҷавонон бо шуғл, пурмазмун ташкил кардани вақти холии онҳо аз тариқи баргузор намудани тадбирҳои фарҳангиву варзишӣ сухан рафт. Ба роҳбарони ноҳияҳо супурда шуд, ки лоиҳаҳои муҳими иҷтимоиро бештар татбиқ кунанд, ба мавсими тирамоҳу зимистон тайёрӣ бинанд.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**хабарнигорони ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# БЕҲТАРИН ЛИБОСИ МИЛЛӢ

***Ҷоизаи озмуни ҷаҳонӣ, ки тахти ҳамин унвон гузашт, ба Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим»-и Самарқанд супурда шуд.***

Озмуни мазкур соли 1960 ташкил шудааст. 13-уми декабри соли 2022 он маротибаи 60-ум дар шаҳри Токиои Ҷопон баргузор гардид. Дар он ӯзбекистониён бори аввал иштирок карданд.

Дар байни 66 довталаб намояндаи кишвари мо Нигина Фахриддинова ширкат варзида, соҳиби ҷоизаи аввали озмун шуд.

Ба ин муносибат дар донишгоҳ маросими муаррифии либос баргузор гардид.

Дар тадбир мутасаддиёни Садорати сайёҳии вилоят, вакилони консулгарии генералии Ҷумҳурии Туркия дар Самарқанд ва устодони донишгоҳ иштирок карданд.

– Ин на танҳо пироҳани миллии бонувони Ӯзбекистон, балки аз ҷумлаи беҳтарин либосҳои миллиест – гуфт ҷонишини якуми ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим», профессор Ҷолибой Элтазаров.

– Фаранҷӣ аз ҷузвияти либосҳои миллии занони Ӯзбекистон аст, – гуфт, ҷоизадори озмун Нигина Фахриддинова. – Мо якҷо бо дизайнер Бахтинур Ҳусанов 3 моҳ дар сари ғояи офаридани ин либос кор кардем, онро бо нақшҳои миллӣ оро додем. Ҳарчанд дар ин озмуни байналмилалӣ бори аввал ширкат кардем, пироҳани миллии мо сазовори эътибори дизайнерони ҷаҳон шуд ва эътироф гардид. Мо аз ин бағоят хурсандем. Бовар дорем, ки он аз ҷумлаи шоҳасарҳои нигористон боқӣ мемонад ва таваҷҷӯҳи сайёҳонро ба либосҳои миллии мо бештар мекунад, – мегӯяд ғолиби озмун.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**



*Дар арафаи ҷашни 32-солагии истиқлолият ба 30 нафар хидматчиёни ҳарбии низоми Вазорати мудофиа аз биноҳои нави бисёрошёна, ки дар шаҳри Гулистон бунёд гардидаанд, хона дода шуд.*

*Ҳокими вилояти Сирдарё, роҳбари бахши ҳарбиву маъмурӣ Акмалҷон Маҳмудалиев ҷамъомадагонро бо ҷашн муборакбод намуда, нигаронида шудани эътибори алоҳида ба афзоиши салоҳияти ҷанговаронаи артиши миллӣ, шароити мусоид фароҳам овардан ба хидматчиёни ҳарбӣ ва дастгирӣ намудани узви оилаи онҳоро таъкид намуд.*

***Суратгир: Ш. ОРТИҚБОЕВ (ӮзА).***

# ҚАРЗҲОИ ИМТИЁЗНОК БАРОИ РУШДИ ЧОРВОДОРӢ

***Дар доираи татбиқи қарори Президент «Дар бораи чораҳои амалӣ намудани лоиҳаи маблағгузории рушди устувори соҳаи чорводорӣ» аз 13 январи соли 2022 дар вилояти Фарғона аз моҳи ҷорӣ бо иштироки Агентии рушди Фаронса хати қарзи имтиёзнок ифтитоҳ ёфт, ки барои маблағгузории лоиҳаҳои соҳаи чорводорӣ нигаронида шудааст.***

Маблағи қарзи имтиёзнок таъмини молии лоиҳаҳои соҳаи чорводорӣ дар соҳаҳои паррандапарварӣ, моҳипарварӣ, занбурпарварӣ, харгӯшпарварӣ, коркард, бастабандӣ ва нигоҳдории маҳсулоти чорводорӣ, хариди таҷҳизоту молҳои марбут ба хидмати байторӣ ё ветеринарӣ ва хидматрасонии он, бо сармояи гардишнок пур кардани лоиҳаҳо дар соҳаи чорводорӣ, технологияи кишоварзӣ ва хӯроки чорво, инчунин таҷҳизоте, ки барои рушди чорводорӣ заруранд, фаро мегирад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# УЗВИЯТ БА СУС

## Он ба Ӯзбекистон имкон медиҳад низоми савдои одилонаро бо 164 кишвар ба роҳ монад ва бозорҳои мунтазам дарёбад

Тағйироти воқеияти геосиёсӣ, ки солҳои охир ба амал омаданд, ба вазъи савдои хориҷӣ низ таъсир гузоштанд. Санксияҳои кишварҳои ғарбӣ, ки нисбати як қатор давлатҳо эълон шуданд ва чораҳои ҷавобии онҳо, ба қатъиян коҳишёбии қурби асъор, ба робитаҳои солҳои дароз ба роҳмондашудаи тиҷоратӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Ин, дар навбати худ, ба иқтисодиёти миллӣ таҳдиди муайяне ворид карда, диверсификатсияи беш аз пеш фаъоли боркашонии содиротиву воридотиро ба миён меоварад. Аз ин рӯ яке аз дастовардҳои асосии сиёсати савдои кушод ин ба Созмони умумиҷаҳонии савдо аъзо шудани Ӯзбекистон аст. Мақсади асосии он боло бардоштани некуҳолии аҳолӣ ва таъмин сохтани одамон бо шуғл, рушди устувори иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон аз тариқи ба тартиб андохтани қоидаҳои шаффофи савдои байни давлатҳои аъзо ва фароҳам овардани шароит барои гардиши савдои одилона, пешгӯишаванда ва мунтазам, аз ҷумла, чораҳои ҳамоҳангсозӣ бинобар мубориза бо протексионизм мебошад.

Ҳоли ҳозир тақрибан 25 мамлакати ҷаҳон, аз ҷумла Ӯзбекистон, барои ҳамроҳ шудан ба созмон гуфтушунид мебаранд. Ба шарофати узвият ба СУС Ӯзбекистон ба шароити хеле мусоиди дастрасӣ ба бозори хориҷии фурӯши мол ва хидматҳо аз ҳисоби боварибахшиву эътидоли фаъолияти иқтисодиёти хориҷии аъзои СУС, ҳамчунин дастёбӣ ба воситаҳои Созмон бинобар танзими талошҳои тиҷоратӣ ва пешгирии чораҳои тазъиқ муваффақ мегардад.

Вобаста ба ин, метавон боз ба як масъалаи муҳим таваққуф кард, яъне узвияти комил ба СУС барои Ӯзбекистон чӣ медиҳад? Пеш аз ҳама ба бозорҳои хориҷӣ баромадани маҳсулоти корхонаҳои моро таъмин мекунад, ба истеъмолгарон бошад, интихоби зиёди мол ва хидматҳоро медиҳад, номгӯйи онҳо дар мамлакат хеле меафзояд. Ӯзбекистон ҳам барои хориҷиён ва ҳам барои сармоягузорони ватанӣ беш аз пеш ҷолиб мегардад.

Тавре ки аксар коршиносон мегӯянд, узвият ба СУС, пеш аз ҳама, барои содиргарони кишвари узв, яъне онҳое, ки маҳсулоти худро ба мамлакатҳои дигар мебаранд, муфид мебошад. Агар пештар нисфи содироти кишвари моро нахи пахта ташкил карда бошад, баъди куллан даст кашидан аз содироти пахта фурӯши сарулибоси тайёр ба хориҷа 4 баробар зиёд шуд, фурӯши маҳсулоти бофандагӣ бошад, аз 3 миллиард доллар гузашт. Дар натиҷаи соли 2021 ба низоми GSP+ ҳамроҳ шудани Ӯзбекистон содироти маҳсулоти тайёр ба бозорҳои Аврупо 1,5 баробар афзуд.

Узвият ба СУС барои зиёд гардидани содироти маҳсулоти тайёр имкониятҳои бештаре фароҳам меоварад. Маҳз барои ҳамин ҳам Ӯзбекистони соли 2019 ҷараёни аъзошавӣ ба ин сохтори байналхалқиро ба роҳ монд ва дар давраи сипаришуда дар самти мазкур қадамҳои боэътимод гузошт. Умуман, узвият ба СУС барои кишварҳои узви он як қатор афзалиятҳо медиҳад. Вай ба шарофати талаботи шаффофи сиёсӣ ба эътидоли бештари тиҷоратӣ мусоидат менамояд ва ба кишварҳои аъзо имкон намедиҳад, ки нисбати якдигар монеаҳои тиҷоратӣ ба миён оваранд. Ин, чун анъана кафолат медиҳад, ки муҳити тиҷоратӣ ба шарофати дастёбии васеътаре ба бозор ва нархҳои муттасилу пешгӯишаванда зиёдтар гардад.

Боз як имконияти Ӯзбекистон ин рушди сайёҳӣ, вусъат пайдо кардани имкони рақобат, коҳиш ёфтани маҳдудиятҳои ғайритарифӣ, афзудани саҳми сармояҳои бевоситаи хориҷӣ ба иқтисодиёт, кам гардидани монополияи давлатӣ ба иқтисодиёт ба шумор меравад.

Яъне ҳар қадар баҳои ашёи воридотӣ кам шавад, нархи маҳсулоти тайёри истеҳсоли ватанӣ ҳамон қадар арзонтар мегардад. Ин рақобатбардориро зиёд мекунад. Ҳарчанд вай метавонад дар давраи аввал ба истеҳсолоти миллӣ таъсири нохуш гузорад, дар пешомади дур омили мусбат бобати фароҳам овардани муҳити рақобат мегардад. Фаъолияти монополияи ватанӣ ба бозори дохилӣ қатъ мешавад, муҳити озоди рақобат ба миён меояд.

Ҳадафи асосии СУС аз озодкунии минбаъдаи савдои ҷаҳонӣ ва таъмин сохтани шароити одилонаи рақобат иборат аст. Дар доираи СУС боҷҳои воридотӣ дар сатҳи муайян кам шуда, афзоиши ҳаҷми савдои Ӯзбекистон бо давлатҳои аъзои СУС пешбинӣ мегардад. Эътидол ва эътимод ба худ ба баланд гардидани эътимоди сармоягузорон низ мусоидат менамоянд, ки чун қоида боиси афзоиши сармояҳои бевоситаи хориҷӣ мегардад, ки метавонанд ба рушди бозори дохилӣ такони иловагӣ диҳанд.

Мутахассисони Созмони Милали Муттаҳид бартарии зерини низоми СУС-ро қайд мекунанд, ки аввало ин муносибати конструктивӣ ба ҳаллу фасли талошҳои тиҷоратӣ мебошад. Яъне бо афзудани ҳаҷми савдо, зиёд шудани номгӯйи мол, ҳамчунин бештар гардидани миқдори кишвар ва ширкатҳои тиҷоратӣ эҳтимоли сар задани талошҳо низ ҳаст. Низоми СУС бошад, барои ҳаллу фасли талошҳо бо роҳи ороми салоҳиятнок кумак мерасонад. Кишварҳое, ки дар талошҳо иштирок мекунанд, ҳамеша саъй менамоянд, ки дар чаҳорчӯбаи муоҳидаи дарамал кор баранд.

Дуюм ин низоми такя ба қоидаҳост, на ба қудрат. Яъне қарори СУС дар пояи консенсус қабул карда мешавад. Қарорҳои СУС аз ҷониби тамоми аъзо маъқул дониста, бо консенсус қабул шуда ва аз тарафи парлумони тамоми давлатҳои аъзо тасдиқ гардидаанд. Қарорҳо барои ҳама яксонанд. Кишварҳои сарватманд ва нодор барои ҳифз намудани ҳуқуқи худ дар доираи тартиботи СУС бинобар танзими талошҳо имконияти баробар доранд.

Сеюм, озодкунии шартҳои савдо сатҳи зиндагиро баланд мебардорад. Низоми ҷаҳонии СУС монеаҳоро дар савдо аз тариқи баргузор кардани гуфтушунидҳо, ҳамчунин аз ҳисоби истифодаи раванди таҳқир накардан кам кунад. Дар натиҷаи кам шудани таваққуфи истеҳсолӣ (бинобар он, ки воридоти дар истеҳсолот истифодашаванда арзон аст), ҳамчунин нархи маҳсулот ва хидматҳои тайёр, охирон музди камтарин барои зиндагиро коҳиш медиҳад.

Хулоса, узвияти Ӯзбекистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо имкон медиҳад низоми савдои одилона бо 164 мамлакат ба роҳ монда шавад ва дорои бозорҳои муттасил гардад.

Ин маънои онро дорад, ки номгӯйи маҳсулоти дорои сифати олӣ, даромад, иқтисод ва шуғл, имконияти татбиқ сохтани манфиатҳои ҷорӣ ва стратегии тиҷоративу иқтисодӣ бо роҳи иштироки самарабахш дар гуфтушунидҳои бисёрҷанбаи тиҷоратӣ ҳангоми коркарди қоидаҳои нави савдои байналхалқӣ меафзоянд.

Дар бораи афзалияти фаъолияти СУС он санад шаҳодат медиҳад, ки бинобар озодкунии шароити байналхалқӣ ҳаҷми мубодилаи моли ҷаҳонии байни кишварҳои аъзои он 5 баробар: аз 5 триллион доллари соли 1995 соли 2022 то ба 25,5 триллион доллар афзуд. Ҳамчунин аз соли 1995 дар тамоми таърихи низоми бисёрҷанбаи савдо ягон мамлакат аз узвияти созмон даст накашид.

Аз мо – аъзои парлумон чӣ тақозо мегардад? Бояд қонунгузории миллиро бо дарназардошти қарорҳои СУС ва мувофиқи талаботи байналхалқӣ ба тартиб оварем, ҳамоҳанг созем.

Умуман, ҳамкорӣ дар рушди устувори кишварҳо ва беҳсозии некӯҳолии аҳолии онҳо аз тариқи таъмин сохтан ва вусъат додани алоқаҳои озод ва шаффофи тиҷоратӣ ба ҳадафҳои ислоҳоти иқтисодие, ки дар Ӯзбекистон татбиқ мешаванд, куллан мувофиқат мекунанд.

**Эмма АСЛОНОВА,**
**депутати**
**Палатаи қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

*Дар арафаи ҷашни 32-солагии истиқлолияти мамлакатамон бо ташаббуси ҳокимияти вилояти Андиҷон дар ҳамаи шаҳр ва навоҳии вилоят намоишгоҳҳои тиҷорати хӯрокҳои арзоншуда ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ташкил гардид.*

*Аз растаҳои намоишгоҳ, ки дар 14 маҳаллаи шаҳри Андиҷон ва маркази шаҳру ноҳияҳо корро оғоз намудаанд, маҳсулоти иттиҳоди «Маҷмӯи савдо ва бозорҳои вилояти Андиҷон», ҶММ «Андиҷонгӯштсутсавдо», «Андиҷонбалиқ», корхонаҳои паррандапарварӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва маҳсулоти полизиву хӯрокворӣ, меваву сабзавоти кишоварзон ҷой гирифтаанд.*

**Суратгир:**
**З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).**



***Солҳои охир дар кишвари мо ба воситаҳои ахбори оммавӣ имконияту имтиёзҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Ба муносибати 32-юмин солгарди истиқлолияти Ватанамон зери шиори «Барои ҳаёти нав, барои Ӯзбекистони Нав» марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни анъанавии «Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз» гузаронида шуд.***

# ЖУРНАЛИСТОНИ СОҲИБИСТЕЪДОД САРФАРОЗ ГАРДИДАНД

Чорабинии мазкур бо ҳамкории Иттиҳоди эҷодии журналистон, Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ, Иттифоқи эҷодии нависандагон, Агентии кинематография, Иттиҳоди медиаи миллӣ ва дигар вазорату ташкилотҳои дахлдор баргузор гардид.

Озмун аз рӯйи 7 номинатсия муайян гардид: асарҳои беҳтарини бадеии адибону шоирон; материалҳои эҷодкорони телевизион ва радио; матолиби интернет-журналистика; беҳтарин китоб дар жанри публитсистика; санъати тасвирӣ, аксбардорӣ ва корҳои дизайн; корҳои эҷодии кормандони бахши чопии воситаҳои ахбори оммавӣ; беҳтарин асарҳои санъати кино.

Таъкид гардид, ки имсол беш аз 300 вакилони ВАО қариб бо 2 ҳазор кори эҷодии худ иштирок карданд. Аз самти телевизион ва радио 56 нафар бо 300 кори эҷодӣ, воситаҳои ахбори оммавии чопӣ 74 нафар бо 359 кори эҷодӣ ва интернет-журналистика 30 нафар бо корҳои эҷодии худ иштирок карданд. Аз ҷониби ҳакамон ба танқидию долзарбии мавзӯъҳо эътибор дода шуд.

– Чунин чорабиниҳое, ки барои дастгирии журналистони фаъолу соҳибистеъдод пешбинӣ шудаанд, барои ояндаи дурахшон ва рушду равнақи кишварамон таҳкурсии мустаҳкам хоҳад гузошт, – гуфт ичрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳодияи журналистон Холмурод Салимов.

Голибон аз рӯйи номинатсияҳои гуногун бо диплом ва мукофотҳои гаронбаҳо сарфароз гардиданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# РОҲИ СИМТАНОБ ВА ИСТГОҲИ МОШИНҲО

***Дар ноҳияи Зомин бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ фаъолияти дирексияи ҳудуди сайёҳӣ-рекреатсионии «Зомин» ба роҳ монда шуд. Барои созмон додани ин ҳудуд 2007 гектар майдони замин ҷудо карданд.***

Мувофиқи нақшаи ҳудуди сайёҳӣ-рекреатсионӣ сохтани объектҳои қиматаш 2,8 трлн. сӯмина дар назар дошта шуда буд. Кохи анҷуманҳои дорои 225 ҷой, маркази дилхушкунии оилавӣ, 4 меҳмонхонаи чорситорадор ва 7-тояш еситорадор, роҳи замонавии симтанobи панҷсамта, 7 тарабхона ва қаҳвахона, шоҳроҳи кӯҳии лижатозии дарозиаш 8 километр ва 13-то атраксиони тобистона низ аз ҳамин ҷумлаанд.

Ба наздикӣ дар ҳудуди сайёҳии «Зомин» роҳи замонавии симтаноб ва истгоҳи бисёрошёнадори мошинҳо сохта, ба истифода супурда шуд.

Дарозии роҳи симтанобИ «Зомин» 2640 метр буда, аз 12 манора иборат аст. Он аз 11 дона сутун ташкил ёфтааст. Баландии манора 35 метрро ташкил медиҳад. Гардиши калони роҳи овезон 42 градус мебошад.

Дар асоси дизайни замонавӣ ба шоҳраги овезон 36-то хонача (кабина) муҷаҳҳаз карда шудааст. Якбора то 1200 нафар мизоҷро қабул карда метавонад.

Ҳамчунин барои ба мизоҷон қулай фароҳам овардан дар қисми поёнии роҳи симтаноб истгоҳи автомобилҳои иборат аз панҷошёна сохта шудааст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ДЕҲАИ ВОЧАХ ЧАРОҒОН МЕШАВАД

***Дар ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё ҳанӯз ҳам ҳастанд деҳаҳои дурдасте, ки бидуни истифодаи барқ зиндагӣ пеш мебаранд. Деҳаҳои Кундаи Ҷувоз, Сиро, Источи беоб ва Вочах ба ин мисол шуда метавонанд. Тайи як соли охир намояндагони ҳокимияти ноҳия ва вилоят ба ин деҳот бисёр дидан намуда, бо ҳаёти мардум аз наздик шинос шуданд.***

Инак, бо саъй ва ташаббуси аъзои Сенати Олий Маҷлис Абдуғанӣ Сангинов ба деҳаи Вочах, ки аз маркази ноҳия зиёда аз 70 км роҳ аст, хати қувваи барқ кашида мешавад. Барои кашидани хати қувваи барқ 100 дона сутунҳои махсуси оҳанӣ, 18 км ноқил ва трансфарматори қувваташ 160 кВа ҷудо карда шуд. Барои насб кардани сутунҳову кашидани ноқилҳо ҳоло техникаи махсус бо суръат кор мекунад. Дар назар аст, ки дар миёнаҳои фасли тирамоҳ деҳаи Вочахи то ҳанӯз қувваи барқ надида чароғон мешавад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

## ХАБАРҲО

### САФКАШИИ АСПҲО ДАР ПОЙТАХТ

***Ба пешвози ҷашни истиқлолият бо ташаббуси Гвардияи миллӣ таҳти ҳамкорӣ бо як қатор сохторҳои кавалерияи гвардиявӣ дар пойтахт қадамзании бонизоми (паради) аспҳо ба таври тантанавӣ сурат гирифт.***

Хусусан, аҳолии шаҳр ва меҳмононе, ки дар хиёбони Амир Темур сайр мекарданд, аз тамошои қадами бонизоми аспҳо таассуроти хуб бардоштанд. Мақсад аз чорабинӣ – тарбияи насли ҷавон дар рӯҳи ватанпарварӣ ва садоқат ба арзишҳои миллӣ. Маълум, ки тӯли садсолаҳои зиёд дар ҳар гуна ҳарб ва мубориза алайҳи истилогарон ба ҷанговарони мо асп ҳамроҳи доимӣ буд. Тарғиботи миллият низ дар ин чорабинии ватанпарварона аҳамияти муҳим касб намуд.

Сафи саворагон аз назди меҳмонхонаи «Ӯзбекистон» то меҳмонхонаи «HYATT» таҳти садои оркестр ҳаракат намуд. Тамошо алалхусус ба хурдсолони шаҳрӣ мароқангез буд, зеро қисмате аз онҳо аспро ба таври зинда бори аввал дар ҳаёти худ пеши назар медиданд.

### ВОХӮРИИ СЕ АВЛОД БА ШАРАФИ ҶАШНИ БУЗУРГ

***Дар саросари кишвар ба муносибати 32-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон таҳти шиори «Барои ҳаёти нав – барои Ӯзбекистони Нав» чорабиниҳои идона сурат мегиранд.***

Яке аз ин гуна тадбирҳо дар ноҳияи Чилонзори пойтахт ба амал омад, ки онро «вохӯрии се авлод» номидан мумкин. Барномаҳои консертӣ диққати тамошобинонро ба худ кашид. Маърӯзаҳо хонда шуданд, баромади шоиру нависандагон низ рангин ва диққатҷалбкунанда буд. Асосан дар бораи комёбӣ ва вусъати корҳои васеи бунёдгарона, хоссатан муҳайёшавии шароити мусоид барои аҳолӣ ҳарф зада шуд, ки вақтҳои охир ба ҳаёти сокинони ноҳия мазмуни нав бахшиданд. Рӯйикороии ин гуна чорабиниҳои маънавию фарҳангӣ дар арафаи ҷашнҳо хусусан ба тарбияи ҷавонону навраcоне мусоидат хоҳад кард, ки ояндаи худро ба ояндаи Ватани бузург вобаста ва ҳамоҳанг мешуморанд.

### МЕТРОБУСҲОИ РОЙГОН ДАР ЮНУСОБОД

***Дар ду истгоҳи охирини самти «Юнусобод»-и метрополитен («Юнусобод» ва «Туркистон») корҳои таъмирӣ оғоз ёфтанд.***

Назар ба тахмини мутахассисон таъмир чаҳор моҳ давом мекунад. Акнун муваққатан истгоҳи охирини самти зикршуда «Шаҳристон» мебошад. Барои офаридани қулайӣ ба аҳолӣ, яъне таъмини равуои пассажирон байни «Шаҳристон» ва «Туркистон» аз 26 август ҶС «Тошшаҳартранс» 10 автобуси гунҷоишаш васеъ ҷудо намуд. Ин автобусҳо «метробус» ном гирифта, байни маҳаллаи Шаҳристон ва квартали 12-уми ноҳияи Юнусобод аз панҷи субҳ то соати дувоздаҳи шаб ҳаракат ва ба аҳолӣ ройгон хидмат мерасонанд. Пассажирҳо ҳамагӣ се дақиқа метробусҳоро мунтазир шуданашон мумкин.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



# ИҚТИДОРИ ИҚТИСОДӢ ИНКИШОФ МЕЁБАД

***Дар ноҳияи Фориш дар арафаи 32-солагии Истиқлолияти Ӯзбекистон ба бунёд кардани заводи сементбарории «Sofkor'» пойдевор гузоштанд.***

Ин корхона бо сармояи ҳокимияти вилояти Ҷиззах, ширкатҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин «Western Pte LTD» ва Ҷумҳурии Тоҷикистон «MOXIR PLAZA» барпо хоҳад ёфт. Бо ин мақсад аз ҳудуди ноҳияи Фориш 50 гектар замин ҷудо карда шудааст.

Дар маросими пойдевормонии завод ҳокими вилоят, ҳамчунин директори Ширкати чиноии «Western Pte LTD» Сао Сзян Шун ва Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода сухан карданд.

Ин завод соле бо иқтидори 2,4 миллион тонна кор мекунад ва асосан маҳсулоти ногузири сохтмон – сементи тамғаи «М-400» ва «М-500» мебарорад. Қимати лоиҳа 200 миллион доллари амрикоист.

Дар назар аст, ки заводи мазкур моҳи июли соли 2024 ба кор дарояд. Дар он сурат иқтидори иқтисодии на танҳо як ноҳия, балки вилоят, ҳатто ҷумҳуриамон низ инкишоф хоҳад ёфт.

Дар маросим миёни ҳокимияти вилоят ва ширкати Чин меморандум ба имзо расид.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ИДИ ИСТИҚЛОЛ БО ТАНТАНАИ ХОС МЕГУЗАРАД

***Мувофиқи нақшаи ҳокимияти вилоят дар ноҳияи Сӯх таҷлили 32-юмин солгарди истиқлолияти Ватани азизамон ба рӯзи 25 август рост омад. Ба ин муносибат яке аз майдонҳои назди бозори нави маркази ноҳия намуд ва шукӯҳи идонаро касб менамуд.***

Дар як тарафи ин майдон, рӯи саҳнаи калон овозхонҳо барои мардум ҳунарнамоӣ мекарданд. Дар тарафи дигари он, ҳар ҷо-ҳар ҷо парчами давлатиро овехта буданд, ки аз боди сабои дарёи шӯхи Сӯх бо виқори хос парфишонӣ мекарданд.

Ин лаҳза чанд мошин омада дар шафати майдони идона қарор гирифт. Бо роҳбарии ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев як гурӯҳ мизбонон ба истиқболи меҳмононе шитофтанд, ки барои ширкат дар маросими ботантана аз вилояти Боткенти Қирғизистон даъват шудаанд.

Меҳмононро ҳокими ноҳияи Боткент Учқун Ҷӯрабоев сарварӣ менамуд. Дар ин гурӯҳ чанд нафарро одамони расмӣ ва боқимондаашонро намояндагони рустоҳои наздимарзӣ ташкид менамуд.

– Имрӯз дар ноҳияи мо иди калон барпост. Мо бо иштироки як гурӯҳ ҳамсояҳои худ аз вилояти Боткент иди истиқлолияти Ватанамонро таҷлил мекунем. Ман меҳмононро ба ин маросими идона хайрамақдам мегӯям ва умедворам, ки муносибатҳои ду кишвари ҳамҷавор – Ӯзбекистон ва Қирғизистон сол аз сол мустаҳкам ва доираи ҳамкориҳои мо боз васеътар хоҳад шуд, – гуфт ҳоким.

– Моро даъвати шумо, ҳамсоягон, хеле шоду мамнун сохт ва бо камоли эҳтиром ва майли тамом барои иштирок дар ин тантанаи бошукӯҳ ташриф овардем. Қирғизҳои атрофи Сӯх бо мардуми он аз қадим дӯсту бародарвор зиндагӣ карда омадаанд ва ин анъанаи некро мо бояд идома диҳем, – гуфт Учқун Ҷӯрабоев. – Қирғизистон низ дар арафаи иди истиқлолияти худ қарор дорад. Ман ба намояндагӣ аз ҳокимияти вилояти Боткент ҳамаи шуморо бо фаро расидани иди истиқлол самимона табрику шодбош мегӯям. Бигзор, решаҳои дӯстиву рафоқати мардумони мо боз ҳам мустаҳкам гардад! – изҳор намуд Учқун Ҷӯрабоев.

Домани рақсу суруд боз васеътар шуд ва мизбонону меҳмонон машғули шодиву нишот шуданд.

Яке аз хабарҳои хурсандибахше, ки дар рӯзи таҷлили иди истиқлол паҳн гардид, ҳамин аст, ки аз 1-уми сентябри соли равон убури марзи Ӯзбекистону Қирғизистон бо ID-корт имконпазир мегардад. Гуфта мешавад, 25 августи соли 2023 Протокол дар бораи ворид намудани тағйирот ба Созишномаи байни ҳукуматҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар бораи равуои мутақобилаи шаҳрвандон аз 27 январи соли 2023 эътибор пайдо кард, ки дар Бишкек ба имзо расидааст.

Маълум шуд, ки тибқи тавофуқи тарафайн истифодаи амалии корти шиносоии ID барои воруд, хуруҷ, транзит, ҳаракат ва буду бош дар қаламрави ду кишвар аз соати 00:00 1 сентябри соли 2023 оғоз мешавад. Тибқи тағйироте, ки Протокол ворид кардааст, барои шаҳрвандони ду кишвар тартиби ягонаи содакардашудаи убури сарҳади давлатӣ ҷорӣ карда шуд.

Аз ин ба баъд шаҳрвандони Ӯзбекистон ва Қирғизистон метавонанд бо шаҳодатномаи шахсият (ID-карт) то 60 рӯз ворид, ҳаракат ва дар қаламрави ду кишвар бимонанд.

Барои мардуми ноҳияи Сӯх ин хабари хуш ид болои ид шуд. Ба гуфтаи онҳо ин ҳодисаи деринтизор ахиран ба вуқӯъ хоҳад пайваст ва мушкилоти пур шудани варақҳои шиносномаҳои хориҷии онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ хоҳад рафт.

Иду тантанаҳои 32-юмин солгарди истиқлолияти Ӯзбекистон дар ноҳияи Сӯх боз чанд рӯзи дигар идома хоҳад кард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Туҳфаи ғайричашмдошти ҳокими Ғузор Бекзод Суюнов ба сокини ҷамоати шаҳрвандони «Шакарбулоқ»-и ноҳия Ойбек Эшалиев мавсуфро шод ва ба зиндагӣ дилгарм намуд.*

# АРМУҒОНИ ИДОНАИ ҲОКИМ

Солҳост, ки ӯ дар деҳа зиндагӣ мекунад. Ҳарчанд ҳаёти фақиронае дорад, аз он хуш аст, ки фарзандони худро бо нони ҳалол ба воя расонида, барои оиндаи дурахшонашон заҳмат мекашад. Ойбек малули гурӯҳи дуюм аст. Вай дар пайи як ҳодисаи ноxуш саломатии худро бохта, ба ин ҳол гирифтор шуд. Моҳи августи соли 2014 сарнавишт ӯро ба ин кӯй афканд, ки пояш аз кор монду дар бистар меҳхӯб гардид. Пас аз он, ки завҷааш ҳам ӯро партофту ба хориҷа рафт, ҳаёт дар назараш тира ву тор гашт. Модари фарзандонаш дубора барнагашт, роҳи онаву фарзандони ноболиғи худро фаромӯш кард.

Ойбек рӯҳафтода нашуд, ҷисми нимкораи худро аз бистар берун кашид ва зарбаи навбатии тақдирро мардонавор пас зад намуда, барои наҷоти ду чӯҷаяки худ дасту остин барзад.

Дар канори деҳа дӯконӣ назарногирро ба иҷора гирифта, ба таъмири пойафзол мардум пардохт. Дукони поxсагин таъмиртталаб буд ва хосса дар сармо он ҷо нишастан кор кардан машаққат буд. Ойбек пасандоз надошт, ки онро таъмир ва васеътар кунад. Дар яке аз рӯзҳои қабули шаҳрвандони ҳокими ноҳия ба ҳузури ӯ рафтаву арзи муддао намуд. Ҳоким аз ҳаёти пурмашаққати Ойбек Эшалиев огоҳ гардида, хеле мутаассир шуд. Аз он дар шигифт буд, ки ин шаҳрванди дучори мушкилиҳо аз ҳукумат, барои нону оби иловагӣ не, балки барои тавсеаи ҷойи кораш ва обод кардани он қарз мепурсад. Ҳоким ваъда дод, ки дар зудтарин фурсат кумак хоҳад кард.

Ойбек ба кор омаду дукони нави таъмири пойафзолро бо тамоми шароити кор дида, аз шодӣ дар худ намегунҷид, шукронаи Парвардигор мекарду ашки шодӣ мерехт. Ин корчаи нав ба Ойбек ба шарафи 32-юмин солгарди ҷашни Истиқлолияти Ӯзбекистон ҳадяи шоиста шуд, он зиндагии ӯро бароҳаттар хоҳад кард.

– Аз ғамхориҳои ҳукумат, ба хусус аз Президент бас сипосгузорам, ки ба дармондагон кумак мекунанд, ба зиндагии шоистаи онҳо ғамхорӣ менамоянд, – мегӯяд Ойбек.

Ойбек ният дорад, ки дукони нави худро боз ҳам васеътар кунад. Дар шафати он устохонае боз карда, ба таъмири дучарха ва асбобҳои барқии мардуми зодгоҳаш машғул гардад, нони ҳалоли худу фарзандони акнун мактабравашро таъмин созад.

Бояд гуфт, ки ҳаёти Эшалиеви ғузорӣ намунаи садоқати як фард ба оила ва беҳтарин ибрати мардонагӣ дар роҳи пайдо намудани ризқи ҳалол аст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**



*Бо ташаббуси Шӯрои марказии иттиҳоди ҷавонони Ӯзбекистон бо ҳамкории якчанд вазорат ва идораҳо таҳти шиори «Осудаҳолии мо барои фаровонҳолӣ ва рушд» мусобиқаи варзишии ватанпарварии «Бисёрҳарба» баргузор мегардад.*

*Дар зинаи вилоятии озмун аз ҳама шаҳру навоҳии Самарқанд барои ба даст даровардани роҳхат ба зинаи ҷумҳуриявӣ 16 ҷамоаи аз ҷавонони далеру шуҷоатнок таркибёфта қувваозмоӣ карданд.*

*Ҷамоаҳои ғолиб ва фаъол аз тарафи ташкилотчиён бо диплом ва мукофотҳои пулӣ тақдир шуданд.*

**Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ӮзА).**

*Ба пешвози соли хониши нав*

# ЧАРО МАКТАБ ОМОДА НЕСТ?!

***Ба оғоз гардидани соли хониши нави 2023-2024 рӯзҳои башумор боқӣ монданд. Акнун таътили тобистонаи шогирдони мактаб ба итмом расида, онҳо паси мизҳои тадрис ҳозир хоҳанд гашт. Бахусус, садои нахустини зангӯлаи мактабро маҳз хонандагони синфи якум бо пазмонии ҳарчи бештаре интизоранд. Аммо баъзе аз макотиби таълими ҳамагонии ноҳияи Шаҳрисабз ба қабули донишомӯзони худ комилан омода нестанд.***

Мактаби миёнаи рақами 58 дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ғелон» ҷой гирифтааст. Ин мактаб аз қадимтарин масканҳои таълимӣ ба шумор меравад, ки соли 1929 чун дабистонҳои маҳви бесаводӣ аз ҷониби ҳукумати вақт созмон ёфта, ҳазорҳо нафар шогирдонро таълиму тарбият дода, дар саводнок гардидани фарзандони деҳа ва атрофи он хидмати босазоеро ба анҷом расонидааст. Бояд гуфт, ки бинои алоҳидаи мактаб соли 1932 қад рост намудааст ва шоҳидон қисса карданд, ки деворҳои ин иморат аз санг чида шуда, мардум ба таври ҳашар сохтаанд. Аммо минбаъд ба талаботи давр созгор наёмада ва ҳарчанд аҳамияти таърихӣ дошт, аз сабаби тангии ҷой ногузир вайрон карда шуд. Ҳукумат соли 2015 бинои нави дуошёна сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Мактаб боз соҳиби ду бинои андаке қадимтаре аст, ки аз як ошён иборат мебошанд ва соли 1985 сохта шудаву дар замони истиқлолият тибқи дастури ҳукумат чандин сол муқаддам аз ин таъмири кулл дида буд. Ин биноҳо бо гузашти солҳо дубора таъмирталаб гаштаанд, аммо шӯъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия дар иҷрои ин амал аз паси панҷа менигарад. Директори мактаб Абдураҳим Қурбонов изҳори ташвиш намуд, ки дабистон аз соли 2019 рӯйи таъмирро надидааст ва муроҷиатҳо ба унвони идораҳои дахлдор бидуни натиҷае боқӣ мемонанд. Сарвари мактаб таъкид кард, соли чаҳорум аст, ки дабистон муҳассилонро дар ҳоли низоре қабул мекунад ва устодони ин маскани таълим ба саволҳои бешумори падару модарон посухи дақиқе дода наметавонанд. Ҳарчанд солҳои пеш ин ҳолати фарсудаи мактаб чандон ба чашм намехӯрд, бо гузашти солҳо фарши синфхонаҳо, намуди умумии бино таъмирталаб шуда, кунун як вазъи риққатоваре гирифтааст.

Собиқ директори ин даргоҳи таълим Шариф Холиқназаров бо нигаронии бештаре изҳор дошт, ки дар чунин ҳол оғоз гаштани дарсҳоро умуман дар ёд надорад. Чор сол ба ин сӯ такрор гаштани як ҳолати дилбазан ҳар фарди ҷомеаро бефарқ намегузорад. Ба ақидаи ӯ, ин дар ҳолест, ки Президент соли 2023-ро «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» эълом дошта, дар соҳаи маориф як қатор ислоҳоти муфид ба амал овард.

Рӯзибойи Қурбониён – як тан аз омӯзгорони варзидаи ин мактаб гуфт, ки аз таъмир бенасиб мондани дабистон ва дар як ҳоли фататрот қарор доштану дар чунин вазъи дилрешкунанда оғоз гардидани соли нави хониш ба ҳолати равонии хонандагон таъсири хеле баде мерасонад.

Чандин сол аст, ки дар Ӯзбекистон аз падару модарон ҷамъоварии маблағ дар робита ба таъмири мактаб манъ шудааст ва ин корро ҳукумат вазифаи худ мешуморад.

Бояд таъкид кард, ки фасли сармои сол дар ин мавзеи кӯҳистонӣ, ки зиндагии мардумаш дар баландии зиёда аз 2000 метр аз сатҳи баҳр ва 87 километр дур аз маркази маъмурии ноҳия бо мушкилот мегузарад, назар ба ҳамвориҳо тӯлонитар ва 5-6 моҳ идома мекунад. Як мисол кофист, ки фарқияти вақтро дар шароити кӯҳистон ба қиёс гирем: Ҳанӯз дар Ғелон ва Кӯл аз ангорҳо (ҳота) ҳосили ғалладонаро набардоштаанд ва худ шоҳиди он будем, ки пояи гандуму ҷави ин мардум ҳанӯз сабз аст. Ин дар ҳолест, ки ҳосили ҷаву гандум дар ҳамвориҳо авохири моҳи май ва нимаи моҳи июн комилан ҷамъоварӣ мешаванд. Дар сардиҳои дерпойи сол ҷамоаи омӯзгорони мактаб ва шогирдони онҳо дар фаршҳои таъмирнодида маҷбур ҳастанд, ки ба тадрису таълим машғул гарданд ва ногузир сиҳатии худро аз даст диҳанд.

Хуб, ҳолати равонии хонандагонро метавон ба ифоқа овард, аммо сиҳатии аздастрафтаро-чӣ?

(Давомаш дар саҳ.4).

# МАКТАБҲО БО ҶИҲОЗҲОИ ВАРЗИШИВУ МУСИҚӢ ТАЪМИН ГАРДИДАНД

***Ҷавонони кишвари мо баробари соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар рушду нумӯи варзишу мусиқӣ фаъол иштирок менамоянд. Қарори роҳбари давлат «Дар бораи чорабиниҳои изофавӣ оид ба боз ҳам рушд додани соҳ аи маданият ва санъат» дар ин бобат дастурамали муҳим гардид.***

Аз тарафи Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ соли хониши ҷорӣ ба 948 мактаби вилояти Сурхондарё 7 намуд таҷҳизоти мусиқӣ ва 5 намуд таҷҳизоти варзишӣ супорида шуд.

Аз ҷумла, ҳамаи мактабҳои ноҳияи Сариосиё бо чунин ҷиҳозҳо таъмин гардидаанд, ки хонандагон дер боз инро орзу мекарданд. Фароҳам оварда шудани чунин шароит ба сифатнокии таълим ва рушди намудҳои варзиш саҳми зиёд хоҳад гзошт.

**(Мухбири худамон).**

*Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ, профессор*

# САДОҲО АЗ ЖАРФОИ ТАЪРИХ

*(Пурсиш ва посух аз гузаштагони бузург)*

*(Эссе)*

(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).

## ПУРСИШ ВА ПОСУХ АЗ АБУМАНСУРИ ДАҚИҚӢ

**(935 - 976)**

Насли асри XXI бузургӣ ва камолоти фитрии шуморо чун суханвар ва поягузори «Шоҳноманависӣ» бениҳоят қадр мекунад. Шумо аз аввалинҳоед, ки ҳувияти қавми форсизабононро ба риштаи назм кашида, меҳри худро нисбат ба гузаштагон ва дину арзишҳои маънавии онҳо дар эҷодиёти бадеии худ басо равшан ифода кардаанд. Шумо дар умри хеле ҳам кӯтоҳу бобаракати хеш тавонистед заминаи фарҳанги эрониро аломатгузорӣ кунед. Пайдост, ки меҳри бениҳоят самимиатон нисбат ба ниёгону эътиқоди озодипарастии онҳо, ростгӯии шумо сабаби дасисакорӣ ва бадгӯӣ ва дар охир боиси қатли шумо аз ҷониби ифротгароёни дини наву миҳанфӯрушон гардидаанд. Аммо рӯҳи бузурги шумо то кунун зиндааст ва мо бо он фахр мекунем.

Пурсиши мо аз рӯҳи абадзиндаю муборак и шумо он аст, ки чаро чунин амалҳои бад чун ифротгароии динӣ, сиёсӣ, идеологӣ, қатлу куштор, фасодкорӣ баъди чандин асри қатли бераҳмонаи шумо низ аз байн нарафта, баръакс бештару ҳассостар шудаанд?

Азизон, бояд гуфт, ки интихоб ё баргузидани ин ё он мазҳабу дин, на ба ниҳоди бунёди онҳо – ҳамзистӣ, ҳампазироӣ, ҳамфикрӣ, дӯстӣ, балки ба қавмгароӣ, решаҳои этникӣ, ҷуғрофӣ такя мекунанд. «Худо»-ро, ки такягоҳи маънавияти одамон аст ва некиро аз бадӣ, равшаниро аз торикӣ, ростиро аз дурӯғгӯйи, дӯстиро аз душманӣ, лутфро аз ғазаб ҷудо мекунад ва эҳсосоти башариро бедор менамояд, ба мафҳуми хурофотӣ табдил медиҳанд. Аз ин ҷост, ки дар фарҳанги исломӣ хурофот дар Шарқ аз Ғарб дида пештар шакл мегирад ва садди пешрафт ва рифоҳи ҷомеа мегардад. Тамоми қафомонии усули зиндагии шумо аз мубориза ба муқобили навоварӣ – навоварӣ дар тафаккур, дар эҷод, дар усули дарк ва шинохти Парвардигор, дар созандагӣ, ки онро бидъат, бадкирдорӣ ном кардаанд, маншаъ мегирад. Мубориза бар зидди навоварӣ дар гузашта тамоми фаъолияти мардумро фаро гирифта, то ҳатто тарбия ва таълими кӯдаконро ҳам. Маърифати динӣ набояд завқу иродаи эстетикӣ, бурузи рӯҳиёти одамонро, ки зербинои худсозии эшон мебошад инҳисор (монополия) кунад, вагарна дар ҷомеа яклухтӣ ва вуқӯъ меояд, шавқу ҳаваси одамонро ба зиндагӣ коста мекунад.

Барои аз байн бурдани ифротгароӣ, хашинӣ, қатлу куштор дар ҷомеа се омилро бояд амалӣ кард. Якум, маърифати динӣ бояд худро ба маърифати илмӣ муқобил нагузорад ва ба сиёсат нагарояд, дувум, маърифати экологӣ, ки дар гузаштаи дур қобили эҳтиром буд, эҳё ва дар маърифати динӣ пойдор гардад, сеюм, маърифати динӣ набояд аз меъёри меъроҷ берун равад, вагарна, тавре ки бузургони пешин фармудаанд, ба муҳмалот (абсурд) табдил меёбад.

дед. Фалсафаи худро чун дигар мутафаккирон на дар мабнои фалсафаи Юнони Қадим ва ислом, балки дар асоси фалсафаи Эрони бостон, Ҳинд ва Бобул шакл додед. Чун шахси дорои тафаккури муқтадир аввалин бор аз назари илмӣ ва фалсафӣ тамоми адён, мазоҳиб ва нубувватро шарҳу тавзеҳ додед. Хулоса, таълимоти беназири фалсафӣ ва илмии шумо дар асри XX1 ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Асарҳои шумо «Ал - Ҳавӣ» («Маҷмӯи илми тиб»), «Китоб дар бораи вақту замон», «Тибби Мансурӣ» (дар сӣ ҷилд), «Табобати бечорагон», «Китоби лаззот» ва ғайра ба забони лотинӣ, таҳти номи Рамзес, тарҷума шуда, садсолаҳо китоби дарсӣ ва рӯимизии аврупоиён буданд.

Мо – насли асри XXI шуморо чун асосгузорӣ озодандешӣ, мубоҳисаҳои солими илмӣ, донандаи зиндагии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ ҳам мешиносем ва қадр мекунем.

Дар замони мо, замони тамаддуни рақамӣ, иттилоотӣ, компютерӣ маънавияти ҷавонон, ҳатто бисёр арзишҳои ахлоқӣ, тавре ки шумо дар китоби худ «Тибби рӯҳонӣ» ишора кардаед, на фақат коста шудаанд, балки таҳриф ҳам мешаванд. Чуноне ки дар асарҳои «Тибби рӯҳонӣ» ва «Китоби лаззот» навиштаед, «Бояд ҳама чиз барои саодат ва хушбахтии инсон офарида шавад». Метавон гуфт, ки саодат ва хушбахтии одам дар замони мо ба сарвату мол, ба шикампарастӣ, ба даст даровардани сарват асос ёфтааст. Яъне васила е пайдо ва ё шакл нагирифтааст, ки ин «касалӣ»-и рӯҳӣ табобат шавад.

Ақидаҳои муҳиме, ки аз саҳифаҳои осори ман ба шумо ирсол мешаванд, инҳо рушди мусовӣ ва солими ҷисму ҷон, ақлу хирад, модиёт ва маънавиёт, фаъолияти назарӣ ва амалӣ, тарбия ва таълим, илму амал мебошанд. Агар сухан аз хусуси маънавияти фард, шахсони алоҳида равад, дар ин бобат амалиёти худсозӣ, худтарбиякунӣ, худдарккунӣ нақши муҳим доранд. Одам бо тамоми ҷузъиёт ва куллиёти худ, тибқи қонунҳои универсалии олам, ки бузургон онро ишқ ҳам мегӯянд, тавлид мешавад. Вале худсозӣ, худтарбиякунӣ, худдарккунӣ ба зиммаи худи ӯст.

Ба назарам табиат, Эзиди бузург ягон касро бидуни ягон ҳунару истеъдод намеофарад, ба ҷуз ононе, ки гирифтори норасоиҳои ҷисмонӣ ё рӯҳӣ таваллуд мешаванд. Дар бисёр ҳолат, ҳатто дар ботину ҷисми чунин касон ҳам ҳунар ва истеъдоде ниҳон аст. Фақат онро дарк кардан зарур аст. Худсозӣ, худдарккунӣ, худидоракунӣ аз идораи давлат сангинтар аст. Дар худсозӣ ва худдаркунӣ ман бисёр мухолифон ва ҳатто душман доштам. Масалан, муносибати шоҳи сулолаи Сомониён Мансур бо ман бо чунин мутафаккирони бузург ба мисли Носири Хусрав, Абуҳотами Розӣ, Абунасри Фаробӣ, Ҳамидиддин Кирмонӣ ва ғайра. Уламои дину мазҳаб, анъанагароён маро бад медиданд, ҳатто мулҳид ҳам ном бурдаанд. Аммо ман аз роҳи ҳақиқатҷӯйӣ нагаштам. Бидуни муносибати солими танқидӣ ба илм, ба тамоми паҳлуҳои зиндагӣ ҷомеа аз ҳаракат боз мемонад, ё ба ботлоқ табдил меёбад, мисли обе, ки аз беҳаракатӣ хушк ё гандида мегардад.

Як тамоили номатлуби шумо нафаҳмидани таълимоти ман дар бораи лаззот мебошад. Намудҳои лаззот бисёранд: лаззоти маънавӣ ва модӣ. Масалан, лаззати шикастани ташнагӣ аз об ё хӯрдани нон дар гушнагӣ лаззоти моддӣ (ҷисмонӣ) аст. Аммо лаззат аз шунидани мусиқии форам ё китобхонӣ лаззоти маънавист. Лаззати ҳақиқӣ ба дарки Парвардигор ва арзишҳои зиндагӣ мебарад. Ва низ ҳангоме ки лаззат ба ифрот табдил мешавад, зиндагӣ мегардад. Дар замони шумо майли шикампарастӣ, ғутазанӣ ба «лаззоти» техникӣ, компутерӣ инсонро ба «Ҳомо техникус,» «Ҳомо экономикус» табдил дода, аз саодату бахти зиндагӣ маҳрум кардаанд.

Ҳиндувони қадим гуфтаанд, ки одам аввал майли омӯхтани заҳри мор мекунад, ҷойи он, ки аввал худро биёмузанд, ки заҳр дорад ё на. Албатта, на ҳар як кас ба худидоракунӣ ғайрату ҷуръат дорад. Барои ин иродаи матин лозим аст. Аз ин ҷиҳат инсон будану инсон шудан заҳмати бисёрро тақозо мекунад. Ман бори дигар мегӯям: «Инсоне, ки ҳадафаш хидмат ба Худост, инсони хуб аст. Аммо инсоне, ки ҳадафаш хидмат ба инсонҳост, яқинан, асилтарини инсонҳо аст».

(Давом дорад).

## ПУРСИШ ВА ПОСУХ АЗ АБУБАКРИ РОЗӢ

**(865-935)**

Шумо бузургтарин кашшофи замони худ, аввалин шахсе ҳастед, ки фармудаанд, ки барои оламиён бунёди илми педиатрӣ (ташхиси тиббии кӯдакон)-ро гузоштед, назария ва амалияро дар ҳамбастагии ногусастанӣ таълим додед, барои бенавоён табобатхонаро дар ҷойҳои хушбоду ҳаво сохта, онро худ идора кардед, тартиб додани таърихи касалиҳои ҳар як фардро ба роҳ мондед, ҷарроҳии кимёвиро оғоз бахшидед, касалиҳое ба мисли обила ва сурхаконро дармон карда, пахтаро чун василаи истифода дар табобат барқарор кардед. Шуморо ҷаҳониён чун падари илми кимё эътироф карданд Аввалин шуда сохт (структура)-и моддаҳои кимёвиро муайян карда, усули омӯзиши онҳоро пешниҳод намудед. Шуморо асосгузори илми дорусозӣ ҳам мегӯянд.

Шумо ҳамчун файласуф ҳам дар хусуси беканории олам дар давраи маҳдудияти тафаккури замони худ ва ифротгароии зиёди динӣ ҷасурона фикри худро баён кар-

*Шаҳри Зарафшон, ки бо номи шаҳри Кончиҳо машҳур аст, рӯз аз рӯз шукӯҳи нав пайдо мекунад.*

# БИНОИ НАВИ МАКТАБ

Биноҳои нав қомат афрохта, боғҳои истироҳатии пур аз фаввора бунёд мегарданд. Чанде пеш барои бачаҳои маъюб бинои нави муассисаи таълими томактабӣ ба истифода дода шуд. Бунёди биноҳои нав идома дорад. Ин ҷараён дар стратегияи тараққиёти Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 ифодаи худро ёфтааст.

Дар айни ҳол бинои нави мактаб-интернати ихтисосонидашуда барои 504 нафар толибилм дар арафаи ба истифода супоридан аст. Бино аз ҳафт блок иборат буда, се ошёна дорад. Даҳ коттеҷ ба сифати хобгоҳ пурра таъмир гардида, майдончаи варзишӣ омодаи истифода аст.

Дар бунёди мактаб беш аз 140 нафар коргарони идораи сохтмони шаҳр фаъолият дошта, даҳ техникаи сохтмони мавриди истифода қарор дорад.

Бинои мактаб то оғози соли хониши нав ба истифода дода мешавад. Дар мактаб китобхона, синфхонаҳои компутерӣ, хонаҳо барои маҳфилҳои омӯзиши касбу ҳунар мавҷуд аст. Бинои нав дар ташаккули насли наврас хидмат мекунад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ҲАДАФИ АСОСӢ – ТАЪЛИМИ БОСИФАТ

***Мактаби таълимоти ҳамагонии рақами 1-уми ноҳияи Сӯх дар шаҳраки Ровон воқеъ гаштааст. Он 1 ҳазору 80 нафар хонандаро ба таълиму тарбия фаро гирифтааст. Ба бачаҳо 81 нафар омӯзгорон сабақ медиҳанд, аз онҳо 12 нафарашон дорои тоифаи олӣ, 9 нафарашон тоифаи якум мебошанд. Соли равон ин мактабро даҳ нафар донишомӯзон бо медали тилло хатм кардаанд ва аксарият ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шудаанд.***

– Мактабамон ба соли нави таҳсил пурра омода мебошад. «Шунидан кай бувад монанди дидан» – беҳтараш онро бо чашмони худ бубинед, – гуфт директори ин мактаб Адолат Нишонова ва моро ба даҳлези калону фарохи бинои мактаб роҳбаладӣ намуд.

Ногуфта намонад, ки ду сол муқаддам бинои литсейи академии рақами 1 ба тасарруфи мактаби рақами 1 дода шуд. Барои ҳамин омӯзгорон ва донишомӯзони он соли савум аст, ки аз шароити хеле беҳтар бархурдоранд ва дарсу машғулиятҳо дар синфхонаҳои баланду барҳаво ва зебои он мегузаранд. Даҳлезро маводу катибаҳои зиёд оро додааст, ки бештари онро ашъори панду насиҳатии адибонамон ташкил медиҳанд. Дар як тараф маълумотҳои расмӣ низ ҷой дода шудааст ва шогирдони мактаб тавассути он бо санаҳои ба истиқлолият расидани кишвар, қабули Қонуни Асосӣ, парчам ва рамзи давлатӣ ошно мешаванд.

– Бинои пештараи мактаб 16 синфхона дошт ва дарс дар ду баст мегузашт. Ҳоло 22 синфхонаву кабинетҳои муҷаҳҳаз ба бинои пештара илова гардид. Ин имкон медиҳад, ки дарс дар як баст сурат гирад, – изҳор намуд директор.

Маълум шуд, ки соли таҳсили 2021-2022 мактабро 87 нафар донишомӯзон хатм кардаанд. 26 нафари онҳо ба донишгоҳҳову донишкадаҳои мамлакат ва 6 нафар фориғуттаҳсилон ба мактабҳои олии Тоҷикистон дохил шудаанд.

Ба таъкиди Адолат Нишонова мактаб аз рӯйи рейтинг дар байни мактабҳои ноҳия ҷойи аввалро ишғол мекунад ва ин боиси ифтихори ҷамоаи омӯзгорон мебошад. Дар вилоят радаи 277-ум ва дар ҷумҳурӣ дар ҷои 467-ум қарор дорад.

– Соли гузашта ба ивази 700 миллион сӯм мактабро аз тармим баровардем. Инчунин як гурӯҳ ҳомиён таҳти роҳбарии омӯзгори пешқадами мактабамон – Абдуҳошим Ҷалолов барои дар асоси талаботи замон ҷиҳозонидани синфхонаҳо кумакҳои молӣ намуданд. Ҳамаи он аксҳои адибони адабиёти классикӣ ва муосир ва навиштаву катибаҳоеро, ки ин ҷо овезон мебинед, дар яке аз корхонаҳои интишороти компютерии шаҳри Фарғона тайёр карда овардем, – гуфт директор.

Вай афзуд, ки ҷамоаи омӯзгорон то шурӯъи дарсу машғулиятҳо бештар ба муҷаҳҳаз намудани кабинетҳои фаннӣ, тайёр кардани воситаҳои аёнӣ, афзоиш додани панду андарзҳои бузургон ва амсоли он машғул шуданд. Санобар Раҳмонова, Шерзод Бобокалонов, Мулло Файзиддинов, Диловар Аҳмадҷонова, Искандар Исмоилов, Додобой Тоҷиев, Абултолиб Маҷидов ва дигарон омӯзгорони пешқадами мактаб мебошанд.

Дарвоқеъ, аз тамошои чанд синфхонаи мактаб чунин натиҷа ҳосил шуд, ки ҷамоаи омӯзгорони аксари фанҳо моҳи августро хеле пурмаҳсул истифода кардаанд. Хусусан, кабинетҳои адабиёт, забони англисӣ, таърих, риёзиёт ва як қатор фанҳои дигар хеле бо завқи беандоза оро ёфта буд.

– Мо дар замони мутараққӣ зиндагӣ мекунем. Рӯзмарра дар атрофи мо гапу корҳои нав рух медиҳанд. Ҳоло дарсҳоро низ мувофиқи талаби замон бояд ба роҳ монем. Ман аз усулҳои гуногуни педагогика истифода мекунам, то ки шогирдонам забони давлатиро бахубӣ омӯзанд, бо ин забон равон ҳарф зананд, китобҳоро низ бо ин забон мутолиъа кунанд. Ин усул натиҷаҳои хуб ба бор меоварад,– иброз медорад ҳамсуҳбати мо, муаллимаи мактаб Дилфуза Муллобобоева.

**– Шумо зимни гузаронидани дарсҳои кушод ё намунавӣ бештар ба кадом тарзу унсурҳои таълим аҳамият медиҳед?**

– Аксари дарсу машғулиятҳоям мисли дарсҳои кушоду намунавӣ мегузаранд. Ҳамеша донишу маҳоратамро такмил дода меравам, китобу адабиётҳои лозимаро мутолиа мекунам, аз маслиҳату машварати устодони кордида фаровон истифода мебарам. Мақолаҳои методиеро мехонам, ки муаллифонаш дар соҳаи омӯзгорӣ таҷрибаи бой ҳосил кардаанд, – қайд намуд Муллобобоева.

**– Чӣ шуморо дар ҷараёни дарс азият медиҳад?**

– Бо телефон ба мактаб ҳозир шудани донишомӯзон. Ин воситаи алоқа тарафҳои мусбати зиёд дорад. Вале истифодаи бемавриди он ба дониши талабагон латма мезанад. Барои ҳамин кӯшиш мекунам, ки зарари телефонро ба шогирдони худ фаҳмонам.

**– Баъзеҳо тарафдори ба ӯзбекӣ табдил додани синфҳои тоҷикӣ ҳастанд. Ин гуна шахсҳо дар миёни омӯзгорони тоҷик низ пайдо мешаванд. Фикри шуморо перомуни ин мавзӯъ донистан мехостам.**

– Ба назарам, табдили забони таълим ба ин ё он забон наҳамеша самараи хуб ба бор меорад. Агар айнан сари мавзӯи табдили таълими забони тоҷикӣ ба ӯзбекӣ биёем, беҳтарин кор ҳамин аст, ки тарзи тадрис ва усулҳои таълими забони ӯзбекиро дар мактабҳои тоҷикӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монем. Он вақт фарзандони мардуми тоҷиктабор ғайр аз он, ки забони модариашонро хуб ҳифз мекунанд, забони ӯзбекиро низ бахубӣ меомӯзанд. Ин даъвои банда дар мисоли мактаби худамон тасдиқашро ёфтааст ва минбаъд низ ҳамин тавр хоҳад буд!

**– Барои шумо, ки гуфтед, дар ҳафта ба тадриси 24 соат дарс машғул хоҳед шуд, ҳам кори хона ва ҳам нигоҳубини набераҳо вазнинӣ намекунад?**

– Ҳаргиз. Дар оилаи мо ҳар кас кори худро мекунад. Шароит мусоидат менамояд, ки ману шавҳарам аз корҳои зиёди хона фориғ бошем. Як қатор корҳоро келини хонаамон ба ҷо меорад. Албатта, ман дар вақтҳои холӣ ба корҳои вай кумак мерасонам.

Дилфуза Муллобобоева дар идомаи суҳбат изҳор намуд, ки барои гирифтани тоифаи олӣ талош дорад. Агар ба ин кор муваффақ шавад, маошаш боз боло хоҳад рафт. Дар айни ҳол маошаш бештар аз панҷ миллион сӯмро ташкил мекунад. Муаллима мегӯяд, як ҷо бо маоши шавҳараш барои рӯзгор ва сарфу хароҷоти дигар низ кифоят мекунад. Ба таъкиди ҳамсуҳбати мо маъмурияти мактаб имсол роҳбарии синфи ҳаштумро ба вай супурдааст. Вай дар ин синф ҳам аз забони давлатӣ дарс мегӯяд ва ҳам бо донишомӯзони он дарсу суҳбатҳои тарбиявӣ мегузаронад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Дар нигористон*

# «ДАРАХТИ ДЎСТӢ БИНШОН...»

***Зери чунин шиор  ба муносибати 32-юмин солгарди истиқлоли давлатии Ўзбекистон ва Тоҷикистон дар нигористони «Регистон» намоиши асарҳои навъи кундал, ки аз ҷониби омўзгорону шогирдони Донишкадаи санъат ва дизайни Душанбешаҳр офаридаанд, тантанавӣ кушода шуд.***

Дар чорабинӣ аҳли фарҳанг, рассомон, ҳайкалтарошон, мухлисони санъати тасвирӣ, вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ ва дигарон ширкат варзиданд..

Раиси Иттифоқи рассомони Ўзбекистон Иброҳим Валихўҷаев ба анҷумани фарҳангӣ ҳусни ифтитоҳ бахшида, риштаи суханро ба Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода дод.

– Барҳақ, соли 2018 дар таърихи муносибатҳои дўстонаи халқҳои тоҷику ўзбек саҳифаи наве боз шуд ва он бо хатти заррин сабт ёфт, – гуфт нотиқ. – Боиси хушнудист, ки ин муносибатҳои неку созанда, бешак, бо ному корнома, ибтикор ва ҷасорату матонати асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ўзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев иртиботи ногусастанӣ доранд. Онҳо бо имону ихлоси пок ба истиқболи якдигар ва мардуми ду кишвари ба ҳам дўсту бародар қадамҳои устувор гузоштаанд. Имрўз барои муошират ва рафту омади озодонаи шаҳрвандони ҳар ду кишвар ҷиҳати дидорбинии хешу табор, ёру дўстон, саёҳату тиҷорат ва чорабиниҳои фарҳангӣ тамоми имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Далели раднопазир дар Самарқанд ташкил ёфтани намоиши асарҳои навъи кундал аз ҷониби омўзгорону шогирдони Донишкадаи санъат ва дизайни Тоҷикистон аст.



Аз фурсат истифода бурда, шумо, дўстони азизу гиромиқадрро бо фарорасии 32-юмин солгарди истиқлоли давлатии  Ўзбекистон аз таҳти дил табрик гуфта, тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорам.

Сипас, ҳозирон бо таваҷҷўҳи хосса асарҳои нотакрору ҳунармандона офаридашударо аз назар гузаронида, як олам таассурот гирифтанд.

– Санъати тасвирӣ воқеиятҳои дақиқу предметҳои мавҷударо тавассути образҳои реалӣ, дар шакли аслиашон инъикос мекунад, – гуфт ректори Донишкадаи санъат ва дизайни Тоҷикистон, профессор Ҷамшед Ғанизода. – Мо беш аз 80 асари навъи кундалро овардем, ки дар асрҳои XIV-XV дар Самарқанду Бухоро машҳур буд ва онҳо дар ёдгориҳои таърихии ин ду шаҳри бузурги бостонию бўстонӣ мушоҳида мешавад. Ҳоло дар Тоҷикистон ин ҳунарро дар офаридани иншоотҳои замонавӣ истифода мекунанд.

Дар донишкадаи мо санъати кундалро ҳаматарафа омўхта истодаанд. Дар байни 1 ҳазору 500 нафар талаба 30 нафар писарону духтарони Ўзбекистон низ ҳастанд.

Дар омади гап бояд таъкид намоям, ки ман соли 1993 дар Самарқанд будам. Хушбахтона, боз омадам ба шаҳри бостонӣ. Дигаргуниҳо як олам. Воқеан, мо баъди Самарқанд ба Бухоро рахти сафар хоҳем баст ва дар он ҷо нигористони хешро ташкил мекунем.

– Ман бо ҳамкасбон, устодони Донишкадаи санъат ва дизайни Душанбешаҳр Сорбон Шифоев ва Муноҷот Бойматова омадам, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Муҳаммадкарим Расулов, – асарҳои хешро ба ҳукми мухлисон гузоштем. Дар Самарқанд мусаввирони номдор ва соҳибтаҷриба хеле бисёр, ки эшон ба амалиёти мо баҳои холисона хоҳанд дод. Бинобар ҳамин ин чорабиниро чорабинии сайқали истеъдод гуфтан мумкин аст.

Дар поёни анҷумани фарҳангӣ сардабири «Овози Самарқанд» Баҳодури Раҳмон китобҳои тозанашри эҷодкорони тоҷики вилоят ва маҷаллаҳои «Дурдонаи Шарқ»-ро тақдим намуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик « дар вилояти Самарқанд.**

**Аксбардор: Шаҳзод КЕНҶА.**




*Машъалони маориф*

# ПАЙРАВИ БОБОВУ ПАДАР



Омад ба инсон се маротиб дода мешудааст. Яке аз он босамар истифода карда, дар ҳаёт ва фаъолияти хеш комёб мегардад. Дигаре аз ин имконот мақсаднок истифода намебарад ва дар ҳаёту фаъолият комёб намегардад. Ҳилолбой Рўзиев аз ин имконот босамар истифода мебарад ва комёб мегардад.

Камолоти инсонро бисёр омилҳо зарур аст, то мақом ва мавқеи муносибро дар ҷомеа пайдо кунад. Хушбахт аст Ҳилолбой, омилҳои зиёд ўро насиб гардида. Дар инкишоф ва ташаккули шахс  чун инсони комил муҳити оилавӣ марҳилаи муҳим мебошад. Ҳилолбой дар оилаи омўзгор ба дунё омадааст. Оилаи омўзгоре, ки иборат аст аз сулолаи омўзгорон.

Дар саргаҳи ин сулола устоди зиндаёди кўҳпояи Нурато Ўзбекбой Рўзиев қарор доранд. Ин марди шуҷоъ, донандаи хуби адабиёт ва забони тоҷикӣ, омўзгори сахтгиру ҳалим, сухандону давраоро, пазандаи ошҳои болаззат чандин насли мардуми Эҷро ҳаққи устодӣ дорад. Падараш Аълочии таълими халқ, омўзгори забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби 43-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ — Элмуроди Рўзиро натанҳо дар кишвари мо, балки дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ мешиносанд. Амакаш Рўзимурод Рўзиев, низ аз пайи падар рафта, факултаи математикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм намуда, то синни нафақа дар яке аз мактабҳои маркази ноҳияи Гулистони вилояти Сирдарё ба кори таълиму тарбия машғул буд. Маҳз дар ҳамин оила Саодат Бекназарова ба камол расидааст, ки имрўз яке аз хабарнигорони пешбари рўзномаи «Овози тоҷик» мебошад. Дар оила, ки ҳама ба китобу дафтар сару кор доштанд, Ҳилолбойро бетаъсир набуд. Аз хурдӣ ба китобу китобхонӣ хў гирифт. Дар бедории худшиносӣ ва ташаккули маърифати аҳли оила афсонаву ривоятҳои холаи Хосият (момои Ҳилолбой) ҳам мавқеи муҳим дошт. Ба таъбир Ҳилолбой дар деги пур аз маърифат «пухта» гардид.

Мегўянд, ки:

*Ҳамсоя зи ҳамсоя гирад панд,*
*Ангур зи ангур гирад ранг.*

Ин ҳақиқати ҳаёт низ дар зиндагӣ ва фаъолияти Ҳилолбой равшан ба мушоҳида мерасад. Дар ҳамсоягӣ бо ў омўзгорони собиқадор, ки саросари ҷумҳурӣ ва берун аз он машҳуранд – Абдуназари Набӣ ва Салими Ғафур зиндагӣ доранд. Суҳбату муошират бо ин омўзгорон худ сабақест дар ҳаёти кас. Ҳар ду ба Ҳилолбой дар мактаб низ сабақ додаанд. Ҳар рўз бо ҳам вомехўранд, аз суҳбати ҳамдигар баҳра мегиранд.

Ана, дар чунин муҳит Ҳилолбой ба воя расид, мактаби зодгоҳро хатм намуд. Пешаи бобоиву падарию аммаро интихоб намуда, ҳуҷҷатҳояшро ба бахши забон ва адабиёти тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқанд супорид. Сабақҳои аз устодон гирифтааш кор дод, донишҷў гардид. Асосҳои илмии забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳамчунин адабиёти ҷаҳонро омўхт. Ҳамон аз устодон Садрӣ Саъдиев, Аслиддин Қамарзода, Ҷумъа Ҳамроҳ, Сироҷ Хўҷақулов ва дигарон хотироти нек иброз медорад. Пас аз хатми донишгоҳ ба зодгоҳ баргашт. Фаъолияти омўзгориашро дар мактаби рақами 30-юми деҳаи Сойхурд ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик оғоз намуд.

Офтоб аз баромадаш аён аст. Зуд байни  ҷамоаи омўзгорон унс гирифт ва мавқеи худро пайдо кард, ба дилу дидаи толибилмон роҳ ёфт.

Дарси яксоатаи омўзгори бомаҳорату соҳибилмро ба як асари бадеии калонҳаҷми хонданӣ шабоҳат медиҳанд. Дарс, ки шавқовару хотирмон аст, 45 дақиқа гўё дар 5 дақиқа ба охир мерасад. Хонандаи соҳибзавқ дарси навбатиро бо иштиёқ интизорӣ мекашад. Омўзгор бояд актёр бошад, дар ҳар ҳолат ба дили хонанда роҳ ёбад, ўро аз олами дигар озод намуда, диққаташро ба худ ҷалб намуда тавонад. Ҳилолбойро чунин хусусият хос аст. Ҳ. Рўзиев омўзгори ҷўяндаву эҷодкор аст. Пайваста меомўзад.

Бо замон ҳамнафас аст. Аз моҳияти сиёсат, рушди иқтисоду иҷтимоъ ва фарҳанги кишвар ва кишварҳои ҳамсоя хуб огоҳӣ дорад. Аз техника ва технологияи педагогикаи замон хуб бархурдор аст. Ва ин ҳамаро дар ҳар соати дарсӣ мавриди истифода қарор медиҳад. Дар дили толибилмон тафаккуру маърифати хештаншиносӣ ва ҳиссиёти бо замон ҳамнафас буданро ташаккул медиҳад.

Ҳилолбой бо толибилмон асосан дар ду ҷабҳа кор пеш мебарад. Аввалӣ дарси анъанавӣ бошад, дуввумин, кори индивидуалӣ бо хонанда мебошад. Борҳо дафтарҳои иншо ва нақли хаттии хонандагонро варақ гардонидаам. Мушоҳида намудаам, ки омўзгор ба ҳар як аломату ҳарфу калима ва ибораву ҷумлаи шогирд бефарқ нест. Бо қалами сурх ҳар як иштибоҳро ислоҳ намудааст. Ҳатто ҷумлаҳоро тартиб дода, иштибоҳи шогирдонро нишон додааст. Ин худ як аёният аст шогирдро. Ў роҳбари маҳфили адабист, масъулияти газетаи девории мактаб дар зиммаи ў мебошад. Намунаҳои эҷодиёти хонандагон дар он дарҷ меёбад. Борҳо шеъру ҳикоя ва хабарҳои хонандагони мактаб дар саҳифаҳои «Овози тоҷик», «Ховар» ва «Булбулча доно» чоп шудаанд...

Соле нест, ки хонандае ба факулта ва ё бахши забон ва адабиёти тоҷикии донишгоҳҳои ҷумҳурӣ дохил нашавад. Танҳо дар бахши забону адабиёти тоҷикии Донишгоҳи Чирчиқ 5 хатмкардаи мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато таҳсил мегиранд. Ногуфта намонад, соли равон хатмкардагони мактаб 100 фоиз ба донишгоҳҳои гуногуни ҷумҳурӣ дохил шуда, сазовори номи донишҷў гардиданд.

Солҳои охир қадри омўзгор то ҷое боло рафтааст. Заҳматҳои шаборўзии Ҳилолбой Рўзиев низ аз назар дур намонд. Соли равон аз ҷониби ҳокимияти вилояти Навоӣ бо телевизори «ROYSON» мукофотонида шуд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ҶАРО МАКТАБ ОМОДА НЕСТ?!

(Аввалаш дар саҳ.3).

Аз рўйи маълумоти бадастомада, барои таъмири мактаб шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия дар сметаи кории тармим ҳудуди 26 миллион сўм маблағ дархост намудааст ва 26-уми июли соли ҷорӣ қарори ҳокими ноҳия низ ба имзо расидааст, аммо аз ин маблағ то кунун на пайе ҳасту на ҳайдаре!

Аммо аҷоиботи кор он аст, ки ҳар сол омодагии мактабҳо ба соли нави хониш аз тарафи комиссияи махсусе омўхта мешавад ва барои идораҳои болоӣ ҳисоботе ироа мегарданд ва дар чунин ҳисобот ҳоли мактаби рақами 58-уми ноҳияи Шаҳрисабз чӣ гуна арзёбӣ шуда бошад?!

Бояд ёдовар гашт, ки 11-уми август дар деҳаи Ғелон бо ширкати сарварони чаҳор идораи ҳуқуқии ноҳия мулоқоте баргузор гардид, ки рўзномаи «Овози тоҷик» дар шумораи 16-уми август таҳти унвони «Мушкилиҳо зиёданд, аммо..!» гузоришеро ба нашр расонида буд. Дар ин мулоқот дар радифи даҳҳо муаммоҳои рўзгори мардум мушкилоти вобаста ба тармими мактаби рақами 58 низ ироа гардид. Раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳалла Сафармурод Ҷабборов аз ин мавзўи доғи маориф сухан кушода, изҳори надомат кард, ки мактаби деҳа ба соли хониш омода нест!

Бояд гуфт, ки ҳоло дар мактаби рақами 58 543 хонанда таҳсил мегиранд, ки ба онҳо 62 нафар омўзгорон таълиму тарбият медиҳанд. Ин мактаб дар масофаи 20 километр дур аз деҳаи Ғелон, дар мавзеи Яккахона филиал дорад, ки 53 нафар хонандаро фаро гирифтааст ва 8 нафар омўзгорон аз Ғелон рафтаву ба тадриси онҳо машғул мешаванд. Мактаб аз пешгомтарин дабистонҳои ноҳияи Шаҳрисабз ба шумор меравад ва дар он 34 маҳфил аз фанҳои гуногун ва касбҳои мухталиф амал мекунанд. Хоса шогирдони ин мактаб дар соҳаи варзишу санъати тасвирӣ ангуштнамои минтақа гаштаанд. Агар муваффақияти онҳоро баршуморем, танҳо дар чор соли охир дар сабқатҳои сатҳи ҷумҳуриву байналхалқӣ фаъол ширкат варзида, соҳиби 19 медал гаштаанд. Соҳаи варзишро дар ин ҷо муаллими тоифаи олӣ Самрат Сайфиддинов раҳбарӣ мекунад.

Аммо назар ба таъкиди директори мактаб Абдураҳим Қурбонов, хонандагон маҷбур ҳастанд, ки дар мактаб дар ду баст таҳсил гиранд. Зеро аз 24 синфхонаи мавҷуда ҳамагӣ 16 синф амалкунанда маҳсуб меёбанд, боқӣ чун хонаи муаллимон, директор, ҷонишини директор, китобхона ва лаборатория хидмат менамоянд. Агар барои корҳои маъмурӣ ва китобхонаву лабораторияҳои мактаб бинои наве сохта шавад, иловатан 12 синфи дигар фаъол мегардад ва ин имкон медиҳад, ки таълим дар як бахш идома кунад.

Омўзгор Рўзибой Қурбонов гуфт, ки дар шароити кўҳистон дар ду баст таълим додани хонандагон аз хатарҳо холӣ нест. Дар ду чоряки соли хониш дар мавзеъҳои кўҳистонӣ зуд шом мефароянд ва аз эҳтимол дур нест, ки шогирдони мактаб ба ҳайвонҳои ваҳшӣ рўбарў гардида, мавриди ҳамлаи онҳо қарор гиранд. Вай таъкид кард, ки дар масофаи 500 метр як бинои мактаб воқеъ гардидааст, ки замоне барои ташкил намудани коллеҷ аз дасти мактаб гирифта буданд. Ҳоло дар он мавзеъ бинои наве низ сохта шуда, соҳиби 180 ҷойи таҳсил мебошад ва имрўзҳо беназорату бекор хобида, худ аз худ фатарот мегардад. Хуб мешуд, ҳамон бино дубора ба мактаби рақами 58 баргардонда шавад. Агар ин кор ҷомаи амал пўшад, дабистон тадрисро дар як баст мегузаронад.

Аммо набудани китобҳои бадеӣ дар дабистон низ як мушкили ҳалталаб маҳсуб меёбад. Китобхонаи дабистон аз соли 1985 то 2009 соҳиби 6000 ҳазор адад китоби бадеии тоҷикӣ будааст, аммо дар пайи китобситезиҳои солҳои минбаъда ҳамаро аз рафҳо чидаву чун боқимондаи замони шўравӣ ба доми фано супоридаанд. Ҳоло бо саъю эҳтимоми устодону шогирдони дилсўз 500 нусха китоби бадеии тоҷикӣ гирд оварда шуда, ба хазинаи мактаб ворид гаштааст. Аммо ин теъдод хеле кам буда, идораҳои дахлдорро мебояд дар таъмини китобхонаҳои мактабҳои тоҷикӣ бо адабиёти бадеии ба забони миллии ин мардум саъй кунанд. Ин мушкил хоси як мактаби рақами 58-и ноҳияи Шаҳрисабз набуда, тамоми дабистонҳои таълимашон ба забони тоҷикии ҷумҳурӣ аз он азият мекашанд. Акнун фурсате расида, ки мушкили китобҳои тоҷикӣ дар идораҳои болоӣ муҳокима ва ба таври мусбат ҳал карда шавад!

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома  25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825.
Адади нашр 4558 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ :  233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.